**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 назди**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

аз 4 апрели соли 2025 №37 ш. Душанбе

Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмаҳмадов Салоҳиддин

Суханронии унвонҷӯ Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи «Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-лонишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Данғара, суханронии муқарризони расмӣ: Нугмонов Мансур - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Қодирова Бунавшамоҳ Азизуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони русии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ докторони илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х. ва Иззатова М.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ Гулмаҳмадов Салоҳиддин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи «Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-лонишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Гулмаҳмадов Салоҳиддин дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои педагогӣ ба Гулмаҳмадов Салоҳиддин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН * РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН * АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ